**Интихобот ба ҷойи вакили хориҷшуда дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Кӯшониён №27**

Санаи 14 июни соли 2026 интихоботи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази вакили хориҷшуда дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Кӯшониён №27 баргузор гардид.

Бо риояи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботӣ ба таври алтернативӣ аз ҳисоби пешниҳоди ташкилотҳои ибтидоии ҳизбҳои сиёсии дар ҳудуди ҳавзаи интихоботии мазкур амалкунанда ва шаҳрвандон ба таври худпешбарӣ, панҷ номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда буд.

Дар асоси моддаи 48 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар интихоботи рӯзи 14 июни соли 2026 номзад Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Кӯшониён №27 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, ба қайд гирифта, ваколатҳояш тасдиқ карда шуд.

Интихоботи вакил ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази вакили хориҷшуда дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Кӯшониён №27 ба таври ошкоро, шаффоф, озод ва дар асоси алтернативӣ бо иштироки фаъоли интихобкунандагон баргузор гардид.